Ҳумо | Бонк

Тасдиқ карда шудааст
Бо қарори Раёсати ЧСП «Ҳумо Бонк»
Пайнавишти №61 аз «18» августи соли 2025
И.в. Раиси Раёсат Маюнусов Ф.М. ____________

## Шартномаи умумии интишор ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкӣ барои шахсони воқеи аз ҷониби ҶСП «Ҳумо Бонк» (оферта)

Шартномаи умуми оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи пешниҳоди кортҳои пардохтии бонкӣ ба шахсони воқеи (Пешниҳоди умумӣ), аз ҷониби ҶСП «Ҳумо Бонк» (РМА 020026755, РЯМ 0210000322, суроға шаҳри Душанбе, кучаи Н.Қарабоев 148/1) минбаъд «Бонк» ҳамчун пешниҳоди умуми ба шахсони воқеи ба ҳисоб рафта, ҳангоми аз ҷониби мизоҷ ба имзо расонидани ариза – оферта дар бораи ба имзо расонидани шартномаи супоридани корти пардохтии бонкӣ амал мекунад.

Пешниҳоди умумии мазкур, тамоми шартҳои Шартномаи басташаванда, ки қисми ҷудонашавандаи он Шартҳо ва Тарофаҳо, ки ҷониби Бонк нашр карда мешавад, инчунин ба таври дахлдор барасмиятдарории ариза – оферта дар бораи ба имзо расонидани шартномаи супоридани корти пардохтии бонкӣ, ки мизоҷ шахсан ҳангоми ҳозир шудан ба Бонк, филиал ё ин ки воҳидҳои сохторӣ, ё ин ки агентҳо он ё ин ки ҳангоми вохури бо кормандони Бонк анҷом дода мешавад.

Барои бастани шартномаи дахлдор, ки дар Пешниҳоди мазкур оварда шудааст, Муштари бо тартиб додани ариза – оферта дар бораи ба имзо расонидани шартномаи супоридани корти пардохтии бонкӣ барои ҳар як шартнома дар алоҳидаги бо Замимаҳо ва Тарофаҳо муайян карда шудаанд, ҳамроҳ мешавад. Мизоҷ метавонад бо Пешниҳоди мазкур дар суроғаи электронии Бонк http://humo.tj/oferta/tj/Cards.pdf шинос шавад.

Пешниҳод бо меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаҳои 488, 490, 502, 503 ба танзим дароварда шуда, то бозхонди он амал мекунад.

### 1. ДАР ПЕШНИҲОДИ МАЗКУР МАФҲУМҲОИ ЗЕРИН ИСТИФОДА МЕШАВАНД:

**Корти пардохтии бонкӣ** – воситаи пардохтие, ки Бонк интишор намудааст ва тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;

**Корти миллӣ** - корти пардохтии бонкие, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии «Корти миллӣ» хизматрасонӣ карда мешаванд;

**Кортҳои байналмилалӣ** - корти пардохтии бонкие, ки дар доираи шабакаи терминалии Бонкҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви низомҳои пардохти байналмилалӣ мебошанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он хизматрасонӣ карда мешаванд;

**Дорандаи корт** – шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи мазкур пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;

**Бонк** – Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҳумо Бонк» РМА:020026755, РЯМ:0210000322, суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 148/1, дорандаи иҷозатнома барои ба анҷом расонидани хизматрасониҳои бонкӣ таҳти №0000344 аз 23 июли соли 2025;

**Шартнома – пешниҳод -** Созишнома оид ба барориши корти пардохтии бонкӣ, ки байни Бонк ва Муштарӣ баста шудааст, ки ин ҳуҷҷат, Ариза ва Тарофаҳоро дар бар мегирад. Шартнома омехта буда, дорои муқаррароти шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва созишнома оид ба барориши корт мебошад.

**Рақами телефони боэътимод** - рақами телефони мобилии Муштарӣ, ки Муштарӣ ба Бонк дар асоси аризае, ки дар шакли Бонк тартиб додааст ва аз ҷониби Мизоҷ имзо шудааст, ки аз ҷумла барои мубодилаи паёмҳо байни Тарафҳо истифода мешавад.

**Аризаи Муштарӣ -** пешниҳоди хаттии Муштарӣ, ки ба Бонк ирсол шудааст, ки нияти муштарӣ дар бораи бастани шартнома бо Бонк ва маълумоти барои муайян кардани муштарӣ мувофиқи талаботи Бонк ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ариза-пешниҳод оид ба бастани шартнома оид ба барориши корти пардохтии бонкӣ).

**Маҳдудияти пардохт –** андозаи маблағҳое, ки барои Доранда барои анҷом додани амалиёт дар суратҳисоб мавҷуд аст, бо назардошти маблағи бақияи суратҳисоб бо тарҳи маблағи амалиёте, ки ҳисоббаробаркуниҳо аз ҷониби Бонк то ҳол анҷом наёфтаанд, инчунин меъёри стандартии харҷи якрӯзаро, ки вобаста ба навъ ва намуди корт муқаррар карда мешавад, баробар аст.

**Варақаи боздошт** – рӯйхати кортҳое, ки аз ҷониби ношир барои пардохти молу хизматрасониҳо ва пешниҳоди пули нақд манъ шудаанд;

**Фармоиш** - фармоиши Муштарӣ ва  ё Намояндаи Муштарӣ барои анҷом додани амалиёт дар суратҳисоб бо корт ё реквизитҳои он.

**Қоидаҳои истифодабарии корт -** Қоидаҳои истифодаи корти бонкӣ, ки низомҳои пардохтӣ муқаррар кардааст ва Бонк қабул намудааст, ки замима ба Шартҳои умумӣ буда, қисми таркибии Шартҳои умумӣ ба ҳисоб мераванд.

**Намояндаи муштарӣ** - шахси ваколатдорест, ки ҳангоми анҷом додани амалиёт аз ном ва ба манфиат аз ҳисоби муштарӣ амал мекунад, ки ваколатҳояш ба ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. .

**Тафсилоти корт** - маълумоте, ки бо корт (штамп) ё ба таври дигар дар Корт чоп карда мешавад, аз ҷумла сабт дар рахи магнитӣ, микрочип, рақами корт, мӯҳлати корт, рамзи аутентификатсияи корт, ки аз се рақам иборат аст ва дар қафои корт гузошта шудааст, номи Доранда, ба истиснои Корти барориши фаврӣ (корти бе ном), ки дар он номи Доранда ва имзо гузошта нашудааст.

**Тарофаҳо -** ҳуҷҷате, ки дорои маълумот дар бораи миқдор ва қоидаҳои татбиқ, ҳисоб, ситонидан ва ҳисоб кардани фоизҳо, ҳаққи комиссионӣ, пардохтҳо ва ҷаримаҳо мебошад, ки қисми таркибии Созишномаи дахлдор мебошанд (Тарофаҳои хизматрасонии кортҳо барои шахсони воқеӣ).

**Овердрафти техникӣ** - қарзи муштарӣ тибқи Шартнома, ки дар он сурат ба миён меояд, ки агар Бонк бо сабабҳои техникӣ дар суратҳисоб амалиёт анҷом дода бошад, ки маблағи он аз ҳадди пардохти мавҷуда зиёд бошад.

## 2. ШАРТҲОИ УМУМӢ

Шартҳои умумӣ тартиби кушодан, нигоҳ доштан ва бастани суратҳисоб, тартиби қабули маблағҳо, инчунин тартиби баровардан ва хидматрасонии кортҳоро муқаррар мекунанд ва муносибатҳои дар ин робита байни Муштарӣ ва Бонк ба миён омадаро танзим мекунанд, аз ҷумла пешниҳоди дигар хизматрасониҳо аз ҷониби Бонк, ки барои ин Шартҳои умумӣ пешбинӣ шудааст.

Барои бастани Шартнома Мизоҷ ба Бонк Аризаи шахсан имзошуда, инчунин ҳуҷҷатҳоеро барои кушодани суратҳисоб ва мушаххаснамоии Мизоҷ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, пешниҳод менамояд.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо тибқи Шартнома – пешниҳоди мазкур бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, Тарофаҳои Бонк ва Қоидаҳои истифодабарии корт муайян карда мешаванд.

Шартнома бо аксепти Бонк пешниҳоди Муштариро баста мешавад. Қабул иҷрои амалҳои зерин аз ҷониби Бонк аст: кушодани суратҳисоб, додан ва фаъол кардани корти пардохтии бонкӣ.

Бонк дар муддати на зиёд аз 10 (даҳ) рӯзи корӣ ба Муштарӣ кортро дар асоси аризаи Муштарӣ пешниҳод менамояд.

Санаи амали шартномаи мазкур ин санаи фаъолсозии корт ҳисобида мешавад.

Корт моликияти Бонк буда, барои истифодабарӣ ба Муштарӣ ба муҳлати муайян дода мешавад ва танҳо шахсе ҳуқуқи истифодабарии онро доро мебошад, ки ному насабашон дар болои корт чоп шудааст ё ин ки корти беном дар он номи Бонк ба номашон ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон ба Муштарӣ дар якҷоягӣ бо корт PIN-лифофа супурда мешавад, ки дар он рамзи махфии Дорандаи корт дарҷ ёфтааст ё бо воситаи технологияхои нави муосир ба мизоҷ ба рақами телефонаш СМС паём бо пин код исрол менамояд ва маълум намудани он ба шахсони дигар ва ҳатто ба кормандони Бонк қатъиян манъ мебошад.

Дар ҳолати норозӣ будан бо тағироту иловаҳо ба Шартҳои умумӣ ва / ё тарофаҳо, Мизоҷ ҳуқуқ дорад бо фиристодани дархости дахлдор ба Бонк ва пардохти қарзи мавҷудбуда, инчунин бозпас гирифтани маблағи дар суратҳисоб мавҷудбуда яктарафа шартномаро бекор кунад. Пешниҳод нагардидани аризаи ба Бонк, иҷрои амалиёти дебетӣ, инчунин мавҷудияти бақия дар суратҳисоб пас аз эътибор пайдо кардани тағироту иловаҳо ба Шартҳои умумӣ ва / ё тарофаҳо розигии муштарӣ ба чунин тағйирот ва иловаҳо мебошад.

## 3. БАРОРИШИ КОРТҲО

3.1. Барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи Суратҳисоб, Бонк ба Мизоҷ Корт пешниҳод менамояд. Ба Суратҳисоби Мизоҷ метавонад як ё якчанд Кортҳои иловагӣ бароварда шавад.

3.2. Корт моликияти Бонк аст, ки он ҳуқуқ дорад ба Доранда дар барориши Корт, фаъолсозӣ ё ивазкунии он рад намояд, шумораи Кортҳоеро, ки ба номи як Доранда бароварда мешавад, маҳдуд намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Шартҳои умумии мазкур, амали Кортро боздорад ё қатъ намояд.

3.3. Расмиёти барориши Корт аз ҷониби Бонк муайян карда мешавад. Ҳангоми қабули қарор оид ба барориш ва фаъолсозии Корт, Бонк Кортро ба Мизоҷ медиҳад ва ҳисоббаробаркуниро аз рӯи Суратҳисоб бо истифодаи Корти мазкур таъмин менамояд.

3.4. Корт ба Мизоҷ шахсан ё ба Намояндаи ваколатдори ӯ шахсан супорида мешавад ва ё тавассути почтаи фармоишӣ, хадамоти хаткашонӣ ба суроғае, ки аз ҷониби Мизоҷ дар Аризаи Мизоҷ нишон дода шудааст ё бо роҳи дигаре, ки ба аниқ муайян кардани он имкон медиҳад, ки Корт аз ҷониби Мизоҷ ё Намояндаи ваколатдори ӯ гирифта шудааст, расонида мешавад. Корт баъд аз супоридани он ба Мизоҷ ё ба Намояндаи ваколатдори ӯ фаъол карда мешавад.

3.5. Бо мақсади мушаххас намудани Доранда ҳангоми анҷомдиҳии амалиётҳо бо истифодаи Корт, ба Мизоҷ рамзи РМШ (ПИН) дода мешавад. Корт, Тафсилоти он, инчунин рамзи РМШ аналоги имзои дастии Доранда буда, истифодабарии онҳо боиси оқибатҳои ҳуқуқии шабеҳи истифодабарии имзоҳои дастӣ мутобиқи талаботҳои қонунгузории ҶТ мегардад. Мизоҷ розӣ мебошад, ки истифодаи Корт, Тафсилоти он, инчунин рамзи РМШ-и дуруст мушаххаскунии матлуб ва кофии Дорандаи Корт мебошад.

3.6. Амалиётҳои аҷомдодашуда:

- бо ҷисман истифодабарии Корт ва ворид намудани рамзи РМШ-и мувофиқ; ё ин ки
- бо ҷисман истифодабарии Корт бе ворид намудани рамзи РМШ; ё ин ки
- бо истифода аз Тафсилоти Корт

аз ҷониби Мизоҷ (Доранда) ва бо розигии ӯ аҷомдодашуда эътироф карда мешаванд.

3.7. Истифодаи Корт/Тафсилоти он аз ҷониби шахсе, ки Доранда нест, манъ аст.

3.8. Барои анҷом додани амалиётҳо бо истифодаи Корт/Тафсилоти он ва дигар амалиётҳо аз рӯи суратҳисоб, тибқи Тарофаҳои Бонк подош ситонида мешавад.

3.9. Корт то рӯзи охирини моҳи сол, ки дар тарафи ростаи Корт нишон дода шудааст, эътибор дорад. Ба охир расидани муҳлати эътибори Корт боиси қатъ шудани амали Шартнома намегардад.

3.10. Баъд аз ба охир расидани муҳлати эътибор, дар асоси аризаи Мизоҷ (дар ҳар шакли бо қонунгузорӣ ва шартномаи мазкур муқарраргардида) оиди аз нав баровардани Корт ба муҳлати нав Корт ба муҳлати нав бароварда мешавад.

3.11. Азнавбарориши пеш аз муҳлати Корт дар ҳолати гумшавӣ/дуздӣ, вайроншавӣ, истифодаи беиҷозат, тағйири ном ва/ё насаби Доранда дар асоси аризаи Мизоҷ амалӣ мегардад.

3.12. Тибқи аризаи Мизоҷ, ки дар шакли коғазӣ, муроҷиати телефонӣ бо рақамҳои 544 ва ё дар шакли электронӣ ба воситаи ҳамёнҳои мобилӣ ва аз манбаи интернетии https:/www.humo.tj ба Бонк пешниҳод гардидааст, Бонк метавонад Корти асосӣ ё иловагиро барорад. Дар сурати қабули Корт берун аз идораи Бонк, Мизоҷ ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро ба шахси ваколатдори Бонк пешниҳод менамояд ва дар ҳузури шахси ваколатдори Бонк ҳуҷҷатҳои заруриро имзо менамояд. Дар сурати қабули Корт берун аз идора аз ҷониби Доранда, Доранда ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати гирифтани Корти Бонкро пешниҳод менамояд ва инчунин дар ҳузури намояндаи ваколатдори Бонк ба ҳуҷҷатҳои зарурӣ имзо мегузорад.

3.13. Мизоҷ уҳдадор мешавад, ки Дорандагони Кортҳои иловагиро бо Шартҳои умумии мазкур ва Тарофаҳо шинос намояд ва ба Бонк тамоми хароҷоти бо истифода аз Кортҳои иловагӣ сарфшударо пардохт намояд.

3.14. Амалиётҳоро бо истифодаи корт танҳо дар ҳудуди бақияи дастрас буда дар суратҳисоби кортӣ бе роҳ додан ба овердрафти техникӣ ва ҳаҷми меъёри харҷи якрӯза (дневной лимит) дар сурати муқаррар кардани он анҷом диҳад

3.15. Мизоҷ ҳуқуқ дорад барои гузаронидани амалиёти хароҷотӣ бо истифодаи Корт меъёрҳоеро муқаррар намояд, ки онҳо аз меъёрҳои аз ҷониби Бонк тибқи Тарофаҳо истифодашаванда фарқ менамоянд.

## 4. КУШОДАН ВА ПЕШБУРДИ СУРАТҲИСОБ

4.1.Бонк ба Мизоҷ барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи амалиётҳои бо истифодаи Корт ва/ё Тафсилоти он Суратҳисоб мекушояд. Дар сурати байни Бонк ва Мизоҷ баста шудани Шартномаи хизматрасонии бонкии фосилавӣ барои шахси воқеӣ, ба Мизоҷ инчунин имконият дода мешавад, ки ба Суратҳисоби худ дастрасӣ дошта, маблағҳои дар Суратҳисоб бударо тавассути низоми хизматрасонии бонкии фосилавии Бонк (маҷмӯи барномавӣ ва дастгоҳии Бонк, ки ба ташкили мубодилаи ҳуҷҷатҳо/маълумотҳо дар шакли электронӣ байни Бонк ва Мизоҷ тавассути шабакаи Интернет имкон медиҳад) идора намояд. Бастани байни Бонк ва Мизоҷ Шартномаи хизматрасонии бонкии фосилавӣ барои шахси воқеӣ амали Шартҳои умумии мазкурро қатъ намекунад. Шартҳои умумии мазкур бо назардошти тағироту иловаҳои пешбининамудаи Шартномаи хизматрасонии бонкии фосилавӣ барои шахси воқеӣ татбиқ карда мешаванд. Дар сурати мухолифат намудани шартҳои Шартномаи хизматрасонии бонкии фосилавӣ барои шахси воқеӣ ба Шартҳои умумии мазкур, шартҳои Шартномаи хизматрасонии бонкии фосилавӣ барои шахси воқеӣ татбиқ мегарданд.

4.2. Суратҳисоб аз ҷониби Бонк бо асъори миллии ҶТ ва асъори хориҷӣ кушода мешавад.

4.3. Ба бақияи маблағҳои дар Суратҳисоб буда Бонк фоиз ҳисоб мекунад, ки тартиби ҳисоб ва ҳаҷми он бо Тарофаҳо муқаррар карда мешаванд ё ҳеҷ гуна фоиз ҳисоб намекунад.

4.4. Тавозуни Суратҳисоб тибқи қонунгузории ҶТ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ пур карда мешавад.

4.5. Коркарди амалиёти пуркунии Суратҳисоб аз ҷониби Бонк на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ баъд аз рӯзи воридоти воқеии маблағҳои пулӣ ба Бонк амалӣ карда мешавад. Барои дуруст ва саривақт дохил намудани маблағ ба Суратҳисоб ҳангоми гузаронидани маблағ, бояд тафсилоти зарурӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ дуруст нишон дода шавад. Бонк ҳуқуқ дорад бо сабаби нокифоягӣ, нодурустӣ ё номувофиқии тафсилоти ҳуҷҷати ҳисоббаробаркунӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ, маблағҳои воридшударо дохил накунад ва онҳоро ба ирсолкунандаи маблағ баргардонад.

4.6. Ҳангоми гузаронидани маблағ бо асъори хориҷӣ бо мақсади пур кардани маблағ дар Суратҳисоб, Бонк маблағи гузаронидашударо бо салоҳдиди худ ё бо қурби Бонк ё бо қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар лаҳзаи коркарди амалиёт аз ҷониби Бонк амал мекард, мубодила (конвертатсия) менамояд ва барои анҷом додани амалиёт аз руи тарофаҳои кортҳои пардохотии бонки ҳаққи хизматрасонии муайяншударо меситонад.

4.7. Мизоҷ маблағҳои дар Суратҳисоб бударо бе маҳдудият ихтиёрдорӣ мекунад, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ ва Шартнома.

4.8. Дар сурати интиқоли маблағ аз Суратҳисоб бо фармоиши Мизоҷ, уҳдадории Бонк дар назди Мизоҷ оид ба гузаронидани маблағҳо аз Суратҳисоб дар лаҳзаи дохилкунии маблағи мувофиқ ба суратҳисоби бонки маблағгиранда, ва дар сурати интиқоли маблағ ба суратҳисоб дар Бонк – дар лаҳзаи дохилкунии маблағ ба суратҳисоби дахлдор, иҷрошуда ҳисобида мешавад.

4.9. Суратҳисоб ҳангоми қатъ шудани Шартнома, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Шартҳои умумӣ ва қонунгузории ҶТ маҳкам карда мешавад.

4.10. Мизоҷ уҳдадор аст, ки ҳамаи амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб анҷомдодашавандаро назорат намояд, ки барои он Мизоҷ уҳдадор аст ҳамаи ҳуҷҷатҳои пардохтии вобаста ба амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб ва/ё истифодаи Корт ва/ё Тафсилоти онро нигоҳ дорад ва бо талаби Бонк ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои баҳснок пешниҳод намояд.

## 5. ЧОРАҲОИ БЕХАТАРӢ ВА ҲИФЗИ КОРТ АЗ ҚАЛЛОБӢ

5.1. Ҳангоми истифодаи корт, Доранда бояд чораҳои асосии эҳтиётиро риоя намояд:

5.1.1. Баъд аз гирифтани Корт, Доранда бояд фавран онро бо ручкаи шарикдор дар тарафи чаппа дар ҷои махсус таъиншуда имзо намояд. Корти беимзо эътибор надорад. Ҳангоми кӯшиши истифодаи Корти имзонашуда барои пардохтҳо дар нуқтаи савдо, хизматрасонӣ ба Доранда мумкин аст рад карда шавад. Илова бар ин, дар сурати набудани имзои Доранда дар Корт, хавфи истифодаи қаллобонаи Корт меафзояд.

5.1.2. Доранда бояд рамзи РМШ-ро ба ҳеҷ кас хабар надиҳад, онро ҳеҷ гоҳ дар Корт нанависад ва на рамзи РМШ, на сабтро дар бораи он дар якҷоягӣ бо Корт нигоҳ надорад. Доранда бояд онро дар ёд гирад ё дар ҷои барои Доранда қулай ва ба шахсони сеюм дастнорас нависад.

5.1.3. Доранда бояд Кортро ба шахсони сеюм (аз ҷумла хешовандон, шиносон, кормандони Бонк) насупорад ва рамзи РМШ-ро ба онҳо хабар надиҳад.

5.1.4. Ба шахсе маълум кардани рақами Корт манъ аст, ба истисноии ҳангоми истифодаи Корт барои пардохти (фармоиш ё захиракунии) молҳо ва хизматрасониҳо.

5.1.5. Доранда набояд ба ҳуҷҷатҳои барои пардохт аз рӯи Корт дар нуқтаҳои савдо ва нуқтаҳои додани пули нақд имзо гузорад, агар дар онҳо маблағи харид (гирифтани пули нақд) нишон дода

нашуда бошад ва ё маблағи мазкур нодуруст нишон дода шуда бошад. Нусхаҳои муштарии тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи анҷомдиҳии амалиёт (аз ҷумла чекҳои молӣ) бояд гирифта шуда, то лаҳзаи аз Суратҳисоб хориҷ гардидани ҳамаи маблағҳои зикршуда нигоҳ дошта шаванд. Дар сурате, ки агар Дорандаи Корт ба слип (чек), ки дар он маблағи амалиёт нишон дода нашудааст, имзо гузорад, Бонк барои ҳалли баҳсҳои ин амалиёт масъул нест. Мизоҷ барои дурустии маълумоти дар расид нишондодашуда масъулияти пурра ба зимма дорад. Имзои Мизоҷ дар слип (чек) воқеияти анҷомдиҳии амалиётро тасдиқ менамояд.

5.1.6. Доранда инчунин бояд чораҳои бехатариро, ки дар Қоидаҳо тавсиф шудаанд, риоя намояд.

5.2. Ҳангоми ошкор намудани гумшавӣ, дуздӣ ё вайроншавии Корт ва/ё пайдоиши шубҳа, ки Корт ё Тафсилоти он, инчунин рамзи РМШ гум шуда ё дуздида шуда бошанд, инчунин дар сурати тағйири ном ё насаби Доранда ҳангоми истифодаи Корти номӣ, Мизоҷ бояд фавран ба Бонк хабар диҳад ва барои азнавбарориши пеш аз муҳлати Корт ариза пешниҳод намояд.

5.3. Мизоҷ уҳдадор аст дар бораи гум шудан/дуздида шудани Корт ва (ё) ошкор шудани воқеияти истифодаи Корт бе розигии ӯ, фавран, вале на дертар аз рӯзи дигари баъди аз Бонк гирифтани огоҳинома бо тартиби пешбининамудаи боби 8 Шартҳои умумии мазкур ба Бонк хабар диҳад. Иҷро накардани ин уҳдадорӣ Бонкро аз уҳдадории ҷуброн намудани маблағ ба Мизоҷ дар сурати истифодаи Корт бе розигии Мизоҷ озод мекунад. Бонк ҳақ дорад ҷуброн намудани ба Мизоҷ маблағҳои амалиётҳои баҳсангезро рад намояд, агар дар рафти баррасии аризаи Мизоҷ муайян карда шавад, ки Мизоҷ ба ин амалиёт алоқадор аст ва ё амалиёт дар натиҷаи вайронкунии аз ҷониби Мизоҷ Шартҳои умумии мазкур ва тартиби истифодаи Корт имконпазир шудааст.

5.4. Истифодаи минбаъдаи Корте, ки қаблан гумшуда эълон шуда буд, манъ аст.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:

6.1.1. Маблағҳои пулиро дар ҳудуди Меъёри пардохт мустақилона идора намояд.

6.1.2. Ҳангоми муроҷиат ба идораи Бонк дар бораи ҳолати Суратҳисоб ва амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб анҷомдодашуда маълумот гирад.

6.1.3. Тамоми қарзи дар назди Бонк доштаро пешакӣ пардохт намуда, ҳамаи маблағҳоро талаб карда гирифта ва суратҳисобро маҳкам карда, дар ҳар вақт аз иҷрои Шартнома даст кашад.

6.1.4. Ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи Шартҳои умумии мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

6.2. Мизоҷ уҳдадор мешавад:

6.2.1. Ба Бонк маълумоти зарурӣ ва боэътимодро, аз ҷумла дар Аризаи Мизоҷ пешниҳод намояд ва ҳуҷҷатҳоро тибқи талаботи Бонк ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш намояд.

6.2.2. Оид ба ҳама гуна тағиротҳои марбут ба маълумоте, ки аз ҷониби Мизоҷ дар Аризаи Мизоҷ пешниҳод гардидааст, дар давоми 7 (ҳафт) рӯзи тақвимӣ ба Бонк ба таври хаттӣ хабар диҳад, инчунин на камтар аз 1 (як) маротиба дар ду сол дурустии маълумоти бо мақсади бастани Шартнома пешниҳодгардидаро тасдиқ намояд.

Набудани огоҳиномаи хаттӣ аз ҷониби Мизоҷ баъд аз гузашти ду сол аз санаи бастани Шартнома ва ҳар соли минбаъда маънои тасдиқ гардидани аз ҷониби Мизоҷ дурустӣ ва мувофиқии маълумоти зимни бастани Шартнома пешниҳодшударо дорад.

6.2.3. Барои алоқа бо Мизоҷ ба Бонк маълумоти дуруст пешниҳод намояд ва дар сурати тағирёбии он, маълумоти навро фавран пешниҳод намояд. Уҳдадории Бонк оид ба равона намудани ба Мизоҷ огоҳиҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ ва Шартнома, зимни равона намудани

огоҳиномаҳо тибқи маълумоти барои алоқа бо Мизоҷ дар Бонк мавҷудбуда иҷрошуда ҳисобида мешавад.

6.2.4. Барои гирифтани маълумот оид ба тағироту иловаҳои ба Шартҳои умумӣ ва Тарофаҳо воридшуда мунтазам ба Бонк муроҷиат намояд.

6.2.5. Барои хизматрасонии Суратҳисоб тибқи Тарофаҳо ба Бонк подош пардохт намояд.

6.2.6. Амалиётҳоро аз рӯи Суратҳисоб, аз ҷумла бо истифодаи Корт ва ё Тафсилоти он, танҳо дар ҳудуди Меъёри пардохтӣ анҷом диҳад.

6.2.7. Амалиётҳоро аз рӯи Суратҳисоб вобаста ба амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ё вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом надиҳад ва ба Намояндаи Мизоҷ ба анҷом додани чунин амалиётҳо иҷозат надиҳад.

6.2.8. Ҳангоми ошкор намудани гумшавӣ, дуздӣ ё вайроншавии Корт ва ё пайдоиши шубҳа, ки Корт ё Тафсилоти он, инчунин рамзи РМШ гум шуда ё дуздида шуда бошанд ва ё Корт (Тафсилоти он) бе розигии Доранда истифода шуда бошанд, фавран баъд аз ошкор шудани воқеияти зикршуда, вале на дертар аз рӯзи дигари баъди аз Бонк гирифтани огоҳинома оид ба амалиёти анҷомдодашуда, Бонкро дар бораи воқеияти зикргардида огоҳ намояд.

6.2.9. Баробари талаб кардани Бонк, маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои гузаронидани тафтиши амалиётҳои баҳснок пешниҳод намояд.

6.2.10. Бо дархости Бонк ҳуҷҷатҳо ва маълумотро оид ба амалиётҳои бо маблағҳои пулӣ, оид ба мақсади барпокунӣ ва хусусияти пешбинишудаи муносибатҳои корӣ бо Бонк, оид ба мақсади фаъолияти молиявию иқтисодӣ, оид ба вазъи молиявӣ, оид ба обрӯи корӣ, оид ба манбаъҳои пайдоиши маблағҳои пулӣ ва ё амволи дигари Мизоҷ, инчунин тавзеҳоти хаттӣ, ки мутобиқати хусусияти амалиётҳои гузаронидашавандаро ба тартиботи Суратҳисоби муайяннамудаи Шартҳои умумии мазкур тасдиқ менамоянд, пешниҳод намояд.

6.2.11. Инчунин дигар уҳдадориҳоро, ки бо Шартҳои умумии мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Мизоҷ вогузошта шудаанд, иҷро намояд.

6.2.12. Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро дар намуди ҳисобҳо, квитансияҳо, чекҳо, ки баъд аз истифодабарии корт пешниҳод карда мешаванд, то ба охир расонидани ҳисоббаробаркунӣ нигоҳ дорад ва ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои баҳсӣ, онҳоро ба Бонк пешниход намояд.

6.2.13. Хароҷоти Бонкро вобаста ба тамоми амалиётҳое, ки аз ҷониби шахсони сеюм то лаҳзаи пурра басташавии корт (block) ё худ дарҷи рақами корт дар Варақаи манъ (stop list) дар системаи бонкӣ ва дигар хароҷотҳо, ки бидуни иҷозат (авторизация) анҷом дода мешаванд (импринтер) подош намояд.

6.3. Бонк ҳуқуқ дорад:

6.3.1. Ҳангоми гузаронидани мушаххаскунии Мизоҷ, намояндаи Мизоҷ ва навсозии маълумот дар бораи онҳо, аз Мизоҷ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намуда, онҳоро аз Мизоҷ, намояндаи Мизоҷ қабул намояд.

6.3.2. Маълумоти аз ҷониби Мизоҷ дар Аризаи Мизоҷ пешниҳодгардидаро, аз ҷумла бо ҷалби шахсони сеюм тафтиш намояд.

6.3.3. Ҳангоми муроҷиат намудани Мизоҷ ба Бонк назорат, сабти аудиоӣ/видеоӣ, аз ҷумла сабти гуфтугӯҳои телефониро бе огоҳкунии Мизоҷ дар бораи чунин сабт амалӣ намояд. Муштарӣ розӣ мебошад, ки Бонк ҳақ дорад дар давоми як сол аз лаҳзаи қатъи муносибатҳо бо Мизоҷ чунин сабтҳоро нигоҳ дорад, инчунин онҳоро ҳангоми гузаронидани ҳама гуна тафтишоти вобаста ба Шартнома истифода барад.

6.4.4. Ҳуҷҷатҳо ва маълумотро оид ба амалиётҳои бо маблағҳои пулӣ, оид ба мақсади барпокунӣ ва хусусияти пешбинишудаи муносибатҳои корӣ бо Бонк, оид ба мақсади фаъолияти

молиявию иқтисодӣ, оид ба вазъи молиявӣ, оид ба обрӯи корӣ, оид ба манбаъҳои пайдоиши маблағҳои пулӣ ва (ё) амволи дигари Мизоҷ, инчунин тавзеҳоти хаттӣ, ки мутобиқати хусусияти амалиётҳои гузаронидашавандаро ба тартиботи Суратҳисоби муайяннамудаи Шартҳои умумии мазкур тасдиқ менамоянд, аз Мизоҷ дархост намояд.

6.4.5. Амали Кортро боздошт намояд, аз ҷумла меъёрҳоро барои анҷомдиҳии амалиётҳо бо Корт муқаррар намояд ва гузаронидани амалиётҳоро аз рӯи Суратҳисоб маҳдуд намояд, дар бораи бозпас гирифтани Корт фармон диҳад ва барои ин тамоми чораҳои заруриро андешад:

а) дар ҳолати иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани аз ҷониби Доранда уҳдадориҳои пешбининамудаи Шартҳои умумии мазкур;

б) дар сурати гумон намудани истифодаи беиҷозати Корт;

в) дар ҳолатҳои дигар бо салоҳдиди Бонк.

6.4.6. Бе Супориши Мизоҷ аз Суратҳисоб хориҷ намояд:

а) маблағи батаъхирафтодаи қарзи тибқи дигар Шартномаҳои қарзӣ бо Бонк, инчунин маблағи Овердрафти техникӣ;

б) маблағи андозҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) маблағҳои барои пардохтани аз ҷониби Мизоҷ комиссияҳо, фоизҳо, подошҳо ва ҷаримаҳои Бонк тибқи Тарофаҳо;

г) маблағҳое, ки Бонк ба Суратҳисоб бархато ворид намудааст;

д) маблағҳо барои пардохти қарзи Мизоҷ назди Бонк, ки аз уҳдадориҳои тибқи шартномаҳои қарзӣ, шартномаҳои кафолатӣ, бо талаботҳои репрессивии Бонк ба Мизоҷ ва ё аз уҳдадориҳои аз рӯи дигар шартномаҳои байни Бонк ва Мизоҷ басташуда ба миён омадаанд;

е) маблағҳое, ки аз Мизоҷ дар асоси ҳуҷҷатҳои иҷроия, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд.

Ҳангоми мавҷудияти қарздории Мизоҷ назди Бонк аз рӯи асосҳои дар банди мазкур зикршуда, бо асъори дигар, назар ба асъори Суратҳисоб, маблағҳои аз Суратҳисоб соқитшаванда аз ҷониби Бонк ба асъори қарз аз рӯи қурби Бонк дар лаҳзаи анҷомдиҳии амалиёт мубодила (конвертатсия) карда мешаванд ва аз ҷониби Бонк ба пардохти қарзи зикршуда равона карда мешаванд.

6.4.7. Маблағҳои пулии дар Суратҳисоб ҷойгирбударо, бо кафолати ҳуқуқи Мизоҷ барои бемонеа ихтиёрдорӣ намудани ин маблағҳои пулӣ тибқи Шартҳои умумии мазкур, истифода барад.

6.4.8. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ рақами Суратҳисобро яктарафа тағир диҳад.

6.4.9. Бе огоҳии пешакӣ ба Мизоҷ (Доранда), дар анҷомдиҳии амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб ба Доранда рад намояд ва ё амали Кортро боздорад, инчунин ба гузаронидани амалиётҳо бо истифодаи Корт маҳдудият муқаррар намояд, агар:

а) ҳуҷҷати барои гузаронидани амалиёт зарур ва мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардашуда ба Бонк ворид нашуда бошад;

б) Бонк ба он шубҳа дошта бошад, ки Фармоиш аз Мизоҷ ё Намояндаи Мизоҷ ворид гардидааст;

в) амалиёт хилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Шартҳои умумии мазкур бошад;

г) агар Бонк гумон намояд, ки амалиёти анҷомдодашаванда бо пешбурди аз ҷониби Мизоҷ ё Намояндаи Мизоҷ фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст;

д) ҳуқуқҳои Мизоҷ оид ба ихтиёрдории маблағҳои пулӣ дар Суратҳисоб бо тартиб ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартҳои умумии мазкур маҳдуд карда шуда бошанд;

е) Доранда уҳдадориҳои пешбининамудаи Шартҳои умумии мазкурро иҷро накарда бошад.

Дар ин ҳолатҳо амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб аз ҷониби Бонк танҳо дар асоси фармоишҳои хаттии пешниҳоднамудаи Мизоҷ анҷом дода мешаванд.

6.4.10. Ба Мизоҷ ё Намояндаи Мизоҷ дар анҷомдиҳии амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб, аз ҷумла бо истифодаи Корт рад намояд, агар барои анҷомдиҳии амалиёт аз рӯи Суратҳисоб маблағи пулӣ нокифоя бошад, аз ҷумла бо назардошти подоши комиссионӣ, ки барои ин амалиёт аз ҷониби Бонк ситонида мешавад.

6.4.11. Аз иҷрои Шартҳои умумии мазкур дар робита ба Суратҳисоби Мизоҷ дар сурати набудани дар давоми 2 (ду) сол маблағҳои пулӣ дар Суратҳисоб, амалиётҳо аз рӯи ин Суратҳисоб ва ба охир расидани мӯҳлати эътибори ҳамаи Кортҳои ба Суратҳисоб баровардашуда, бо тартиби яктарафа даст кашад.

6.4.12. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фаъолсозӣ рад намояд. Бо сабаби нокифоягӣ, нодурустӣ ё номувофиқии мушуххасоти ҳуҷҷати ҳисоббаробаркунӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои воридшударо дохил накунад ва онҳоро ба ирсолкунандаи маблағ баргардонад.

6.4.13 Бонк ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми аз ҷониби Муштарӣ иҷро накардани ухдадориҳо аз рӯи дигар хизматрасониҳои дар назди Бонк ба миён омада аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкии кортҳои Муштарӣ ба тариқи бе Аксепти иҷроиши ин ухдадориҳоро таъмин намояд.

6.4.14. Бонк инчунин дорои ҳуқуқҳои дигаре мебошад, ки дар Шартҳои умумии мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

6.5. Бонк уҳдадор мешавад:

6.5.1. Махфиятро нисбати ҳама гуна маълумоти вобаста ба Суратҳисоб ва сирри бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намояд.

6.5.2. Ба Мизоҷ бо асъори миллии ҶТ тибқи Тарофаҳо Суратҳисоб кушояд.

6.5.3. Мизоҷро оид ба анҷомдиҳии ҳар як амалиёт аз рӯи Суратҳисоб хабардор намояд.

6.5.4. Ҳангоми гирифтани огоҳинома аз Мизоҷ (Доранда), Кортро бинобар гум шудани Корт ва ё рамзи РМШ ё бинобар маълум шудани рамзи РМШ ва ё Тафсилоти Корт ба шахси сеюм, боздошт намояд.

6.5.5. Амалиётҳоро аз рӯи Суратҳисоб дар мӯҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи Шартҳои умумии мазкур тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад.

6.5.6. Ҳангоми дасткашии Мизоҷ аз ҳамроҳшавӣ ба Шартҳои умумии мазкур, ки бо пешниҳоди аризаи дахлдор ба Бонк изҳор карда шудааст, баъд аз ҳалли уҳдадориҳои молиявӣ байни Бонк ва Мизоҷ бақияи маблағҳои дар Суратҳисоб буда бо тарзи зикрнамудаи Мизоҷ ба Мизоҷ баргардонад.

6.5.7. Бонк инчунин уҳдадор мешавад, ки дигар уҳдадориҳорои бо Шартҳои умумии мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Бонк вогузошташударо иҷро намояд.

6.5.8. Хизматрасонии суратҳисоби корт ва амалиётҳо ба воситаи онро мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи меъёрҳои системахои пардохтии дахлдор ва байналмилалӣ таъмин намояд.

6.5.9 Суғуртаи ҳатмии суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

## 7. ТАРТИБИ ҲАМКОРИИ ИТТИЛООТИИ ТАРАФҲО

7.1. Тарзи дурусти огоҳ кардани Мизоҷ оид ба амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб бо истифодаи Корт, инчунин оид ба воқеият, ҳолатҳо тибқи Шартҳои умумии мазкур ин ирсоли смс-паёмак ба Рақами телефони боварӣ, ки дар Аризаи Мизоҷ нишон дода шудааст, мебошад.

7.2. Уҳдадории Бонк оид ба огоҳ кардани Мизоҷ дар бораи анҷомдиҳии амалиёт аз рӯи Суратҳисоб бо истифодаи Корт ҳангоми ирсоли огоҳии дахлдор тибқи банди 7.1. Шартҳои умумии мазкур иҷрошуда ҳисобида мешавад. Огоҳӣ аз ҷониби Мизоҷ дар давоми се соат аз лаҳзаи ирсол

қабулшуда ҳисобида мешавад. Бонк барои дастрасӣ надоштани Мизоҷ ба рақами телефони мобилие, ки ба он смс-паёмак ирсол карда шудааст ё саривақт нагирифтани паёмак, аз ҷумла барои вайронӣ дар кори шабакаҳои алоқа, ки бо сабабҳои аз Бонк вобастанабуда ба вуҷуд омадаанд ва боиси саривақт нагирифтани ё тамоман нагирифтани аз ҷониби Мизоҷ паёмакҳои Бонк мегардад, ҷавобгар нест.

7.3. Бонк ба Мизоҷ имкон медиҳад, ки ҳама гуна огоҳиҳоро тибқи Шартҳои умумии мазкур бо яке аз роҳҳои зерин ирсол намояд: ирсоли огоҳӣ тавассути телефон бо истифодаи алоқаи овозӣ ё ирсоли огоҳӣ тавассути почта хадамоти хаткашон. Бонк барои дастрасӣ надоштани Мизоҷ ба воситаҳое, ки бо истифодаи онҳо Мизоҷ метавонад огоҳӣ ирсол намояд ё барои саривақт ирсол накардани огоҳӣ, аз ҷумла барои вайронӣ дар кори шабакаҳои алоқа, ки бо сабабҳои аз Бонк вобастанабуда ба вуҷуд омадаанд ва боиси саривақт нагирифтан ё тамоман нагирифтани аз Мизоҷ огоҳиҳои дар банди мазкур зикршуда, ҷавобгар нест. Лаҳзаи қабули огоҳӣ аз Мизоҷ вобаста ба тарзи ирсоли он муайян карда мешавад: а) ҳангоми ирсоли огоҳӣ тавассути телефон бо истифодаи алоқаи овозӣ, лаҳзаи қабули огоҳӣ ин лаҳзаи сабти огоҳӣ аз ҷониби хадамоти дастгирии Бонк мебошад, агар Мизоҷ бо саволу ҷавоб/калимаи рамзӣ бомуваффақият мушаххас карда шуда бошад; ва б) ҳангоми ирсоли огоҳӣ тавассути почта хадамоти хаткашон, лаҳзаи қабули огоҳӣ санаи дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи расонидани огоҳӣ ба Бонк дарҷшуда мебошад.

7.4. Дар ҳолатҳои нагирифтани аз ҷониби Мизоҷ маълумот дар бораи таърихи амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб анҷомдодашуда, бинобар сабабҳои аз Бонк вобастанабуда, Бонк масъулият ба зимма надорад. Ҳамзамон Мизоҷ уҳдадор аст, ки ҳаҷми қарздорӣ назди Бонк ва дигар маълумотро вобаста ба иҷрои аз ҷониби Мизоҷ уҳдадориҳои худ аз рӯи Шартнома, дар ҳолатҳое, ки агар дар муддати вақти оқилона (зиёда аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ) аз рӯзи анҷомдиҳии амалиёт аз рӯи Суратҳисоб, Мизоҷ аз Бонк дар бораи таърихи амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб гузаронидашуда маълумот нагирад, аниқ намояд.

7.5. Бо мақсади ҳамкории иттилоотӣ, Тарафҳо ба созиш омаданд, ки почтаи электронии дар Аризаи Мизоҷ дарҷшуда аналоги имзои дастии Мизоҷ буда, истифодаи он боиси оқибатҳои ҳуқуқии шабеҳи истифодабарии имзоҳои дастӣ мутобиқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Дар сурати қабул намудани ҳама гуна паём тавассути почтаи электронии Мизоҷ, Бонк чунин паёмро ҳамчун муроҷиати хаттии ба Бонк воридагрида ва дастӣ аз ҷониби Мизоҷ имзошуда мешуморад. Дар сурати аз даст додани дастрасӣ ё дастрасии беиҷозати шахсони сеюм ба почтаи электронии Мизоҷ, Мизоҷ бояд фавран Бонкро хабардор намояд. Ҳамаи хавфҳои вобаста ба аз даст додани дастрасӣ ё дастрасии беиҷозати шахсони сеюм ба почтаи электронии Мизоҷ, ба Мизоҷ вогузор карда мешаванд.

7.6. Дар сурате, ки агар Мизоҷ хоҳад Рақами телефони боварӣро иваз намояд, Мизоҷ бояд бо аризаи хаттии шакли муқарраршуда бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти Мизоҷ муроҷиат менамояд. Дар сурати имконнопазир будани шахсан муроҷиат намудан ба Бонк, Мизоҷ метавонад тавассути почтаи электронии дар Аризаи Мизоҷ зикргардида ба Бонк муроҷиат намуда, бо замима намудани нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти Мизоҷ ариза пешниҳод намояд. Мизоҷ инчунин метавонад бо роҳи ирсоли нусхаҳои электронии ҳуҷҷатҳои дахлдор аз Рақами телефони боварӣ тавассути паёмрасонҳое, ки Бонк истифода мебарад, бидуни шахсан муроҷиат намудан ба Бонк, ариза оид ба иваз намудани Рақами телефони боварӣ пешниҳод намояд. Дар сурати пешниҳод намудани аз ҷониби Мизоҷ ариза оид ба иваз намудани Рақами телефони боварӣ бидуни шахсан муроҷиат намудан ба Бонк, Бонк ҳуқуқ дорад ҳамаи чунин амалҳоеро анҷом диҳад, ки Бонк бо салоҳдиди худ онҳоро барои гирифтани тасдиқи он зарур мешуморад, ки бо аризаи оид ба иваз намудани Рақами телефони боварӣ маҳз Мизоҷ муроҷиат намудааст, на шахси дигар.

**8. ҲАЛЛИ БАҲСҲО**

8.1. Дар сурати ба миён омадани баҳсу ихтилофҳо аз рӯи Шартнома, инчунин дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои тибқи Шартнома, Тарафе, ки ҳуқуқҳояш поймол карда шудааст, ҳуқуқ дорад ба Тарафи дигар даъво равона намояд. Тарафе, ки даъворо қабул намудааст, уҳдадор аст ба он дар муҳлати на зиёда аз сӣ (30) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани он ҷавоб гардонад.

8.2. Дар сурате, ки агар Тарафи ирсолнамудаи даъво аз Тарафи дигар ба қонеъ гардонидани талаботи дар даъво изҳоршуда пурра ё қисман ҷавоби рад кабул намояд ё дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз санаи ирсоли даъво аз он ҷавоб нагирад, он гоҳ Тарафи ирсолнамудаи даъво ҳуқуқ дорад баҳсро барои ҳал ба суд супорад.

8.3. Дар сурати набудани огоҳӣ оид ба тағири суроғаи Тараф, даъвоҳо ба суроғаи дар Шартнома зикргардида барои ирсоли мукотиба/огоҳиномаҳо ба ин Тараф ё дар сурати набудани он ба суроғаи дар мушаххасоти Тараф зикргардида равона карда мешаванд ва қабулшуда ҳисобида мешаванд, гарчанде ки Тараф - адресат дар ин суроға дигар ҷойгир нест.

**9. ҚАТЪИ ШАРТНОМА**

9.1. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дилхоҳ вақт аз Шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат, Мизоҷ уҳдадор аст ба Бонк аризаи дахлдорро дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд, инчунин ҳамаи Кортҳои ба номи ӯ ва ба номи Намояндаи Мизоҷ барои анҷомдиҳии амалиётҳо аз рӯи ин Суратҳисоб баровардашударо ба Бонк дар рӯзи пешниҳоди аризаи зикршуда баргардонад ва ҳама маблағи тибқи Шартнома пардохтшавандаро ба Бонк пардозад. Мизоҷ ҳақ дорад пеш аз ба охир расидани муҳлати ҳалли уҳдадориҳои молиявии байни Бонк ва Мизоҷ аризаи пешниҳодшударо ба таври хаттӣ бозхонд намояд. Дар сурати қабул намудани аз ҷониби Бонк бозхонди ариза дар муҳлати зикршуда, Шартнома амали худро идома медиҳад.

9.2. Баъд аз қабули ариза, Бонк эътибори ҳамаи Кортҳоро, ки ба Мизоҷ барои анҷом додани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб бароварда шудаанд, қатъ менамояд (Кортҳоро боздошт менамояд).

9.3. Баъд аз ҳалли ҳамаи уҳдадориҳои молиявии тибқи Шартнома байни Бонк ва Мизоҷ Шартнома бекоршуда ҳисобида мешавад. Муҳлати ҳалли уҳдадориҳои молиявӣ байни Бонк ва Мизоҷ набояд аз 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани аз ҷониби Бонк аризаи Мизоҷ оид ба қатъи Шартнома зиёд бошад.

9.4. Дар сурати бекоркунии пеш аз мӯҳлати Шартнома ё худ интиҳои мӯҳлати амали Шартнома ва корт, ба Муштарӣ бақияи воситаҳои пулиро аз рӯи ҳисоби баъд аз анҷомдиҳии тамоми ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд омадаро, (бо гузашти 10 рӯзи тақвими аз лаҳзаи аз ҷониби Дорандаи корт ба Бонк пас супоридани он), баргардонад. Баргардонидани воситаҳои пулӣ тариқи хазинаи Бонк ё худ бо роҳи интиқоли маблағ ба ҳисоби ишора намудаи Муштарӣ сурат мегирад.

**10. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО**

10.1. Тарафҳо барои иҷро накардан (иҷрои номатлуби) уҳдадориҳои худ аз рӯи Шартнома мутобиқи қонунгузории ҶТ ҷавобгар мебошанд.

10.2. Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳояшон аз рӯи Шартнома аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар иҷро нагардидан натиҷаи фарорасии қувваи рафънопазир, яъне ҳолатҳои дар шароити мазкур фавқулодда ва ногузир бошад, ки баъд аз эътибор пайдо кардани Шартнома ба миён омадаанд. Дар бораи фаро расидани ҳолатҳои қувваи рафънопазир Тарафҳо уҳдадоранд, ки дар муҳлати на дертар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз санаи фаро расидани ҳолатҳои зикршуда якдигарро хабардор намоянд. Ба чунин ҳолатҳо дохил мешаванд: амалиётҳои ҳарбӣ, исёнҳои оммавӣ, офатҳои табиӣ, қатъи қувваи барқ, корпартоӣ, қарорҳои мақомоти ҳокимияти

давлатӣ ва маҳаллии худидоракунӣ ва дигар ҳолатҳое, ки иҷрои уҳдадориҳои дар Шартнома пешбинишударо имконнопазир мегардонанд.

10.3. Бонк барои саривақт иҷро накардани фармоишҳои Мизоҷ тибқи Шартнома ҷавобгар нест, агар амалиётҳо аз рӯи суратҳисоби муросилотии Бонк иҷро нашаванд ё иҷрои онҳо дар натиҷаи амалӣ беамалии Бонки миллии Тоҷикистон, воҳидҳои он, бонкҳои муросилотӣ ё дигар шахсони сеюм, ки иҷрои амалиётҳоро аз рӯи суратҳисоби муросилотии Бонк таъмин менамоянд, ба таъхир афтад.

10.4. Бонк барои зарари дидашудаи Мизоҷ дар натиҷаи иҷрои Фармоиши шахсони беваколат ҷавобгар нест, агар мутобиқи қонунгузории ҶТ ва Шартҳои умумии мазкур Бонк воқеияти дода шудани Фармоиш аз ҷониби шахсони беваколати Мизоҷ муайян карда натавонад.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11.1. Ҳангоми ба таври ғайринақдӣ гузаронидани аз ҷониби Мизоҷ маблағҳо барои пардохти қарз назди Бонк тибқи Шартнома аз дигар Бонкҳои қарзӣ, ҳамаи хавфҳои вобаста ба таъхири эҳтимолии гирифтани ин маблағҳое, ки на бо айби Бонк таъхир гардидааст, ба зиммаи Мизоҷ вогузошта мешаванд. Мизоҷ бо ин васила мефаҳмад ва розӣ мебошад, ки Бонк имконияти назорат ё танзим намудани мухлати воридоти маблағ аз шахсони сеюмро надорад.

11.2. Тағйири ё қатъкунии Шартнома, Мизоҷ ва ё Бонкро аз иҷрои уҳдадориҳояшон тибқи Шартнома, ки пеш аз чунин тағирот ё қатъкунӣ ба миён омадаанд, озод намекунад.

11.3. Шартнома мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода мешавад.

11.4. Дар сурате, ки агар яке аз муқаррароти Шартнома ғайриқонунӣ, беэътибор ё тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи судӣ надошта дониста шавад, чунин муқаррароти Шартнома дар муносибатҳои байни Бонк ва Мизоҷ татбиқ намегардад. Боқимонда муқаррароти Шартнома қувва ва эътибори худро пурра нигоҳ медоранд.

11.5. Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои худ тибқи Шартномаи мазкур, Мизоҷ коркарди маълумоти шахсии Мизоҷро ба Бонк пешниҳод менамояд ва фармоиш медиҳад. Коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Бонк бо истифодаи воситаҳои автоматизатсия ва ё бе истифодаи чунин воситаҳо амалӣ карда мешавад ва инҳоро дар бар мегирад: ҷамъоварӣ, сабткунӣ, банизомдарорӣ, андӯхт, нигоҳдорӣ, аниқкунӣ (навсозӣ, тағирдиҳӣ), истихроҷ, истифодабарӣ, интиқол (пешниҳод, дастрасӣ), боздошт, хориҷкунӣ ва нобудсозӣ, инчунин интиқоли байнисарҳадии маълумоти шахсӣ. Бонк уҳдадор мешавад, ки махфият ва бехатарии маълумоти ҳангоми коркарди он гирифташударо таъмин намояд, инчунин чораҳои зарурии ташкилию техникиро андешад ва талаботҳои дахлдори қонунгузориро дар самти ҳифзи маълумоти шахсӣ риоя намояд.